*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17)*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи “Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст.

Тамаддуни ҷомеаи ҷаҳонӣ новобаста аз сатҳи кайҳонии рушди прогресси илмӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои назаррас дар растанипарварӣ ва чорводорӣ дар масъалаи таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ мушкилот дорад. Шиддатёбии масъалаи мазкур дар асри XXI асосан, бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ бо муқоиса ба суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, коҳишёбии заминҳои кишт, захираҳои оби ошомиданӣ, сарчашмаи энергия, зарурат барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошад. Аз ин ҷост, ки ба андешаи муаллиф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таъмини рушди иқтисодӣ, ҳалли муаммоҳои микро ва макроиқтисодӣ, нахуст корқарди назарияҳо ва маҷмуи чораҳои амалиро тақозо менамояд, ки барои дастрасии рушди устувори бахши воқеӣ, инчунин комплекси озуқаворӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки новобаста аз баъзе тадқиқотҳо дар ин соҳа, масъалаҳои илмӣ-амалии таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ дар минтақаҳо то ҳоло ба тарзи пурра баррасӣ нагардидааст. Бештари таҳқиқотҳо ҷанбаҳои муайяни муаммои таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди устуворро дар умум таҳқиқ намудааст, ки дар шароити муосир нокифоя мебошад. Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муаллиф дар шароити муосир мушкилоти рушди устувори комплекси озуқаворӣ бояд ба таври комплексӣ мушоҳида карда шавад, зеро чунин сиёсат на танҳо сиёсати аграрӣ, инчунин сиёсати даромади аҳолӣ, инкишофи инфрасохтори озуқаворӣ, афзалиятҳои сармояғузорӣ дар 5 занҷираи озуқаворӣ, савдои байниминтақавӣ ва гайраҳоро ба инобат гирифта, барои рушди самтҳои нав дар ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти озуқаворӣ имконият диҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рушди комплекси озуқавории минтақа як равандест, ки мутобиқи механизмҳои умумии иқтисодӣ сурат гирифта, таҳлили он бояд дар асоси равишҳои муосири илмии иқтисодӣ амалӣ карда шавад.

Дар баробари ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки бояд муаллиф ба онҳо низ таваҷҷӯҳи махсус медод, аз он ҷумла:

1. Агар муаллиф зимни таҳқиқ ва баррасӣ ба масъалаҳои омӯзиши механизмҳои идоракунии самараноки равандҳои рушди устувор дар бахши озуқаворӣ диққат медод, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авотерефератро бою ғанӣ мегардонид.

2. Дар саҳифаи 27-и автореферати диссертатсия ҷадвали 4 тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд барои давраи солҳои 2015-2023 ҳисоб карда шудааст. Аз ин ҷост, ки хубтар мешуд, дар чунин ҳолат муаллиф ба нишондиҳандаҳои арзишӣ аз қабили даромад, даромади соф, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ такя намуда, ҳамзамон ҷадвалҳои аналитикӣ таҳия ва пешниҳод менамуд, метавонист самаранокии чунин нишондиҳандаҳоро боз ҳам аниқтару дақиқтар намояд.

Камбудиву пешниҳодҳои номбурда ба арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ таъсири ҳалкунанда намерасонад. Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Ҳакимзода М.М. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири
кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии
иқтисодии ДМТ, Раҳимзода Ҳ.Р. ____________

Имзои «Раҳимзода Ҳ.Р.»-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Телефон: +992 37 227-15-10,
Факс: +992 37 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
Сомона: http://www.tnu.tj

«_24_» _октябри_ соли 2025